«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
________________
«10» ____________ 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович соли 1996 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 1998 то 1999 ба сифати муҳаққиқ-коромӯз дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллӣ фаъолият кардааст. Аз соли 1999 то соли 2001 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи милллии Тоҷикистон таҳсил намудааст. 5 майи соли 2004 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Ибораҳои исмӣ дар лаҳҷаҳои Бойсун” бо роҳбарии профессорон Қосимова М.Н. ва Ҷӯраев Ғ. аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) дифоъ кардааст. Ӯ муаллифи 2 монография, зиёда аз 50 мақолаи илмӣ, 8 дастури таълимӣ, 4 луғатнома ва 4 китоби дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. 28 майи соли 2013 бо фармони №245 / нк-3 аз ҷониби Вазорати илм ва маорифи

Федератияи Россия шаҳодатномаи дотсентии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соҳиб гардидааст.

Мушовири илмӣ – доктори илми филология, профессор, узви вобастаи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод

Мавзуи диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи забон ва типология аз 28.08.2017, қарори № 1 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети филология ДМТ дар таърихи 04.09.2017, қарори № 1 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Рисолаи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархӯрдор мебошад. Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва **масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии** 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **мувофиқат мекунад.**

**Мавзуи таҳқиқӣ ба самтҳои афзалиятноки илмҳои гуногун,** аз ҷумла шевашиносӣ, луғатнигории соҳавӣ (тиббӣ, биологӣ, дорусозӣ ва ғ.) **алоқамандӣ дорад.**

**Аҳаммияти рисола назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки калимаҳои хоси шева дар асоси муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бори аввал ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пурра гардидани қисмати назариявии ин қабати лексикӣ, баррасии ташаккул ва таҳаввули он бо роҳҳои забонӣ ва ғайризабонӣ, инчунин таснифоти дақиқи мавзуии калимаҳои хоси шева заминаи мусоид фароҳам оварда, дар пояи дастовардҳои илмии дар кори таҳқиқоти бадастовардашуда ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик равшанӣ меандозад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз омӯзиши хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ,

баррасии масоили назариявии он дар забоншиносии муосир иборат мебошад. Дар забоншиносии тоҷик масъалаи назариявии таснифоти қабатҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷик таҳқиқталаб буда, мақсади таҳқиқ муайян кардани меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо дар таркиби луғавии гӯйишҳои тоҷикӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад зарурати иҷрои вазифаҳои зерин пеш меояд:

– баррасӣ намудани масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик, арзёбии дараҷаи таҳқиқи он, муайян намудани хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева ва ғ;

– омӯзиши ҷанбаҳои лингвистиву ғайрилингвистии ташаккули калимаҳои хоси шева;

– баррасӣ намудани хусусиятҳои таърихии ин қабати лексикӣ, нишон додани омилҳои асосии маҳфуз мондани калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳо, таснифи тағйироти шаклӣ ва маъноии онҳо дар гӯйишҳо;

– вобаста ба урфу одати мардуми маҳалҳои гуногун ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шеваро илман баён намудан. Таҳқиқи хусусиятҳои этнографӣ дар доираи калимаҳои хоси шева;

– таҳқиқи хусусиятҳои савтиву сарфӣ ва наҳвии калимаҳои хоси шева вобаста ба ҳудуди интишор (изоглосса);

– дар лаҳҷаҳо бо роҳи калимасозӣ ташаккул ёфтани ин қабати лексикиро баррасӣ намудан. Нишон додани мавқеъ ва нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули калимаҳои хоси шева. Дар ин замина таснифи сохти морфологӣ ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева;

– омӯзиши қабатҳои луғавии калимаҳои хоси шева. Баррасии мавқеи калимаҳои худӣ (суғдӣ, паҳлавӣ ва ғ.) ва иқтибосӣ (арабӣ, туркӣ ва русиву байналхалқӣ) дар ин қабати луғавӣ.

Маводи асосии таҳқиқро мисолҳои дар давоми солҳои 1996-2019 ҷамъовардаи муаллиф, ки ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мансубанд, ташкил медиҳанд. Маводи гирдовардашуда

зиёда аз 1000 саҳифаи чопи компютерӣ буда, он шомили матнҳои гуногун аст. Аз ин мавод наздик ба 5000 калимаи хоси шева гирдоварӣ шуда, мавод қисман сабти магнитофонӣ шуда, чандин афсона, манзума ва ривоятҳои халқии гуногунмавзуъро дар бар мегирад. Қисми дигари ҷумлаҳо ҳангоми суҳбат, асосан, бо шахсони куҳансол, навишта шудааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии рисоларо дастовардҳои забоншиносони хориҷӣ В.А. Калинин, Н.М. Шанский, Ф.П.Филин, В.Н.Прохорова, М.Х.Партенадзе, Л.И.Баранников, Ф.П. Сороколетов, Г.Н. Князкова, Л.И. Белова Л.И., О.Г. Перохова, О.А. Нечаева, Е.Н. Этерлей, В.А.Филатов, Г.Я. Симина, А.Чагина, инчунин забоншиносони тоҷик Ғ. Ҷӯраев, Р. Ғаффоров, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанов, Т. Мақсудов, Ҷ. Мурватов, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, С. Атобуллоев, Р. Бердиев, О.Ҷ. Ҷалолов, Ҷ. Раҳматуллоев, К. Саидова, К. Тоҳирова, В. Қосимов, Ф.Зикриёев, З. Зайниддинова, Н. Шарофов, Ҳ. Бурҳонова, Ҷ. Мурватов, Р. Маъруфов, С. Ӯзбеков, Н.Гадоев, Р. Сангинов, З. Замонов, М. Каримова, И. Сулаймонов, Ҷ. Саидов, Г. Шарифова, С. Юсупова ва дигарон оид ба масъалаҳои назариявии мафҳуми калимаҳои хоси шева, роҳҳои ташаккули онҳо, таснифоти мавзуии ин қабати луғавӣ ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ барои баррасии хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева, асосан, аз методҳои тасвири лингвистӣ, синхрониву диахронӣ, таҷзиявӣ, таҳлил ва тафсири луғавию сохторӣ, инчунин оморӣ истифода бурда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик калимаҳои хоси шева чун қабати махсуси лексикӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар диссертатсия ба таври дақиқ ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ баррасӣ шуда, дар асоси омилҳои таърихӣ, этнографӣ, ареалӣ ё ҷуғрофӣ тағйирот ва таҳаввулоти калимаҳои хоси шева илман арзёбӣ гардида, тағйироти шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева бо дарназардошти омилҳои забонӣ ва доираи васеъро фаро гирифтани гӯйишҳои мавриди таҳқиқ, инчунин урфу одати

маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ба таври дақиқ таҳқиқ шуд. Ҳамчунин, заминаҳои маҳфуз мондани унсурҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳо бар асоси муқоисаи онҳо бо осори шоирону нависандагон бо мисолҳои фаровон арзёбӣ гардид. Заминаҳои лингвистии ташаккули ин қабати лексикӣ (бо роҳҳои калимасозӣ ва иқтибос) ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бори аввал шаклгириҳои морфологии ин навъи калимаҳо тавассути унсурҳои калимасоз ва ҷузъҳои сирф луғати шевагӣ бозгӯӣ шуд. Таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик низ бори аввал сурат гирифта, чунин тарзи баррасии ин гурӯҳҳои луғавӣ ба таҳқиқотҳои бунёдӣ дар самти омӯзиши хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ замина фароҳам хоҳад овард.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар он аст, ки бори нахуст ва ба таври илмӣ дар забоншиносии тоҷик қоидаву меъёрҳо дар шинохти калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, луғатшиносӣ, масоили марбут ба лексикология, калимасозӣ метавон истифода бурд.

Ҳангоми таҳияи луғатномаи соҳавӣ ва барномаҳои фарогири қоидаҳои имло **натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон истифода кард**. Хулосаҳои илмии диссертатсия дар таҳия ва таълифи барнома ва китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, луғати шеваҳо, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шева ба кор бурда мешаванд.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 2 китоб (1 китоби луғатнома ва 1 монография), 41 мақолаи илмӣ, 23-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст, ки рӯйхати он дар зер оварда мешавад:

[1-М] Қурбонов, С.Ҳ. Асолат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2008. – № 1 (43). – С. 86-93.

[2-М] Қурбонов, С.Ҳ., Аюбова, М.Б. Ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ / С.Ҳ. Қурбонов, М.Б. Аюбова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2009. – № 1 (17). – С. 80-88.

[3-М] Қурбонов, С.Ҳ., Каримова, З.М. Асолати забон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов, З.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – № 4/4 (91). – С. 6-10.

[4-М] Қурбонов, С.Ҳ., Ҳасанов, И.С. Калимаҳои мураккаб дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / С.Ҳ. Қурбонов, И.С. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – № 4/1 (129). – С. 17-21.

[5-М] Курбонов, С.Х., Саидджаъфаров, О.Ш. Современные таджикские диалекты – бесценная сокровищница подлинных слов общеперсидского языка / С.Х. Қурбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник Московского государственного лингвистического университета. – М., 2016. – № 22 (761). – С. 15-22.

[6-М] Қурбонов, С.Ҳ., Ҳасанова, М.А. Ифодаи вазну ченак дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов, М.А. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 11/1 (129). – С. 44-63.

[7-М] Курбонов, С.Х., Саидджафаров, О.Ш. Диалектизмы в классических таджикско-персидских произведений / С.Х. Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 25-29.

[8-М] Курбонов, С.Х., Саидджафаров, О.Ш. Лексические и стилистические сходства таджикских диалектов и классических таджикско-персидских произведений / С.Х. Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 149-153.

[9-М] Курбонов, С.Х., Саидджафаров, О.Ш. Сравнительный анализ глагольных сокращений, используемых в диалектах таджикского языка и в классических персидско-таджикских литературных произведениях / С.Х.

Курбонов, О.Ш. Саидджаъфаров // Вестник Московского государственного лингвистического университета. – М., 2017. – №8 (780). – С. 41-48.

[10-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳимова, Ш.С. Корбасти диалектизмҳои лексикӣ дар осори Рӯдакӣ / С.Ҳ. Қурбонов, Ш.С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 105-110.

[11-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феълӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 7. – С. 74-79.

[12-М] Қурбонов, С.Ҳ. Ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 8-2. – С. 55-59.

[13-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои хоси шеваи ифодагаримафҳумҳои тиббиву биологӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 60-66.

[14-М] Қурбонов, С.Ҳ. Таҳқиқи баъзе хусусиятҳои калимасозӣ дар лаҳҷаҳо / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 122-128.

[15-М] Қурбонов, С.Ҳ. Таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С. 80-85.

[16-М] Қурбонов, С.Ҳ. Корбасти истилоҳоти соҳаи санъат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 46-51.

[17-М] Курбонов, С.Х. Морфологические и синтаксические исторические элементы в таджикских говорах / С.Х. Курбонов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2021. – № 4 (93). – С.14-19.

[18-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баррасии таснифоти мавзуии (тематикии) калимаҳои хосишева / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 108-114.

[19-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баъзе хусусиятҳои калимаҳои хосси шева вобаста ба ҳудуди интишор / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши имлҳои филологӣ. – Душанбе, № 4. – 2021. − С. 26-31.

[20-М] Қурбонов, С.Ҳ. Баррасии мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти мухтасари он / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – № 1 (45). − С. 12-20.

[21-М] Қурбонов, С.Ҳ. Омӯзиши баъзе хусусиятҳои зарф дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. – № 4 (48). − С. 52-59.

[22-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳматуллозода С. Баррасии муродифоти луғавӣ дар доираи калимаҳои хоси шева / С. Раҳматуллозода, С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4. − С. 79-85.

[23-М] Қурбонов, С.Ҳ., Раҳматуллозода, С. Таҳқиқ ва таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо дар доираи калимаҳои хоси шева / С. Раҳматуллозода, С.Ҳ. Қурбонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2023. – № 2 (50). − С. 12-20.

**Монография:**

[1-М] Қурбонов, С.Ҳ. Калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули он / С.Ҳ. Қурбонов. – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2022. – 437 с.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқуловичро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки он дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба қалам омада, ба ҳамаи талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯй аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи забон ва типология бо иштироки устодони кафедраҳои забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология, услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест,
қарори № 14 аз 05.05. 2023.

Раиси ҷаласа, доктори
илми филология, профессори кафедраи
таърихи забон ва типология — Хоҷаев Д.

Котиби илмӣ, номзади илми
филология — Ҷобиров А.Б.

Имзоҳои Д. Хоҷаев ва А.Б. Ҷобировро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
«10» «05» соли «2023» — Тавқиев Э.